# ТАҚРИЗ

ба кори диссертатсионии **Парвизи Ҳотам** дар мавзуи «**Баходиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо (дар асоси автореферати диссертатсия)

Мақсади кори диссертатсионии зерин ин баҳодиҳӣ ба зарфияти агрозахираи ландшафти заминҳои обёришавандаи водии Данғара бо истифодаи имкониятҳои системаҳои геоиттилоотӣ, аз ҷумла баррасӣ намудани амалиёти бақайдгирӣ, тарҳрезӣ, муайянсозӣ, моделкунонӣ ва сохтани базаи маълумоти минтақаи таҳқиқотӣ ва пешгӯии тағйирёбии зарфият, коркарду пешниҳодот оид ба истифодабарии замин мебошад.

Дар кори илмӣ- таҳқиқотии зерин омилҳои экзогенӣ низ омӯхта шудааст. Омилҳои экзогенӣ гарчи мурракаб омӯхташаванда бошанд ҳам, аммо дар баробари истифода намудани методҳои таҳқикоти фосилавӣ чунин омилҳоро ба таври комил тахти назорат қарор дода ҳолати воқеии заминҳои обёришавандаро вобаста ба омилҳои экзогении таъсиррасон унвонҷӯ муайян намудааст. Чихеле, ки дар диссертатсияи мазкур дарҷ шудааст, яке аз чунин омилҳои мураккаб омӯхташаванда ин эҳтимолияти васл шудани монеаҳои дохили рӯдхона дар 10 соли оянда мебошад, ки нисбат ба ҷараёни тағйирпазирии рӯдхонаи дарё ва сойҳои мавсимӣ ягон чорабинии механикӣ, биологӣ ва дигар намуди чорабиниҳо гузаронида нашудааст.

Дар бисёр натиҷаи корҳои илмӣ - таҳқиқотии олимони шӯравӣ ва муосир тавсияҳои илмиву амалӣ ва истеҳсолӣ оид ба масъалаи пешгирии равандҳои ҷаршавӣ бо истифодаи методҳои биологӣ ва техникӣ, ки асосашон шинонидани ниҳолҳои дарахту буттагӣ ва сояафкан, таъсиси зинабоғҳо мебошад, дар тамоми шароити заминистифодабарии ҳудуди Тоҷикистон ба таври возеҳ истифодаи онҳо қайд карда шудааст. Вале афсӯс, ки ин тавсияҳо дар водии Данғара, кам истифода шудааст ва замин то ҳол ғайри оқилона истифода бурда мешавад.

Дар ин баробар омилҳои экзогенӣ метавонанд дар зери таъсири тағйирёбии иқлим боришоти солона, намнокӣ ва зичии хок, намуди зироатҳои кишоварзӣ ва агротехникии парвариши он вобастагии калон дошта бошанд. Маълумоти интерпретатсионӣ ошкор намуданд, ки пайдо гаштани чуқуриҳои гуногуншакл дар миёни заминҳои кишоварзӣ на танҳо ба аз байн рафтани масоҳати заминҳои киштшаванда мусоидат менамоянд, балки манзараи хуби зарфияти агрозахи-раҳоро низ коста мегардонанд. Баъд аз таҳлили маълумоти интерпретатсионӣ дар минтақаи таҳқиқотӣ, ки асосан

чунин раванд дар заминҳои кишоварзии ҷамоатҳои деҳоти Лолазор ва И. Шариф бештар буда, шумораи чунин ҷуқуриҳо дар 10 соли охир бо ҳисоби миёна ба ҳар ҷамоат аз 23 то 25 адад рост меояд, ки масоҳати хурдтарин ба 12 х 22м ва калонтарин ба 20,0 х 34,0 м баробар аст. Чунин ҳолат хело ташвишовар буда, метавонад боиси аз гардиши кишоварзӣ боз мондани замини киштро ба миён оварад. Ин шаҳодати он аст, ки истифодаи ГИС-технология дар ин самт барои муайян намудани ҳолати воқеии заминҳои обёришавандаи водии Данғара нақши калиди дорад.

Дар кори диссертатсионӣ як қатор камбудиҳое ба назар мерасад, ки ба муҳтавои диссертатсия таъсире надорад:

- дар автореферат дар бори шумора ва андозаҳои ҷуқуриҳои дар 10 соли охир дар заминҳои обӣ пайдошуда маълумот дода шудааст, вале сабабҳои ғайри антопогении пайдоиши онҳо шарҳ дода нашудаанд.
- сабабҳои васеъшавии паҳноии рудхонаи дарёи Тоҳирсу дар автореферат аз ҷиҳати гидрологӣ ва геологӣ асоснок карда нашуаанд.

Камбудиҳои мазкур мантиқи диссертатсияро таъсири манфӣ намерасонад ва кори диссертатсионии пешниҳодшудаи Парвизи Ҳотам ба талаботи КОА ҷавобгӯй буда, муаллиф сазовори гирифтани унвони доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, баркарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо мебошад.

Декани факултети геологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.г.-м., и.в.профессор **Валиев Ш.Ф.**
735323, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17
937178655
**Valiev sh@.mail.ru**

Имзои Валиев Ш.Ф. – ро тасдиқ мекунам
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус **Тавқиев Э. Ш.**

«31» 01 2022